Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 127 (4547) | ПАНҶШАНБЕ, 13 ОКТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ РАСМИИ АЛЕКСАНДР ЛУКАШЕНКО БА ТОҶИКИСТОН

**11 октябри соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард.**

Маросими истиқболи расмии меҳмони олимақом дар назди Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» баргузор гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Беларус муҳтарам Александр Лукашенкоро гарму самимӣ истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи ифтихорӣ даъват карданд.

Маросими истиқбол бо гузориши командири қаровули фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ҳар ду кишвар, гузаштани сарони давлатҳо аз назди сафи қаровули фахрӣ, арзи эҳтироми меҳмони олимақом ба Парчами давлатии Тоҷикистон, шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб ҷараён гирифта, бо қадамзании мутантан гузаштани ҷузъу томҳои қаровули фахрӣ аз назди сарони давлатҳо анҷом ёфт.



**Сипас, дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Беларус дар чаҳорчӯбаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Беларус ба Тоҷикистон баргузор гашт.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Беларус муҳтарам Александр Лукашенкоро барои ташрифашон ба Тоҷикистон самимона хайрамақдам гуфтанд.

Дар ҷараёни музокироти хосаи сарони ҳар ду кишвар дар фазои дӯстӣ ва ҳусни тафоҳум вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба дар ҳама арсаи манфиатҳои муштарак ва масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Сарвари давлат изҳор доштанд, ки мулоқоту вохӯриҳои сатҳи олӣ ва муносибатҳои мунтазаму судовар дар сатҳи ҳукуматҳо, ки дар асоси боварии баланд ва дастгирии ҳамдигар сурат мегиранд, омили муҳим ва мусбат дар ташаккули равобити байни ҳар ду кишвар мебошанд.

Дар мулоқоти сатҳи олӣ бо иштироки ҳайатҳои расмии кишварҳо аз инкишофи босуръати ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ ва ғайра изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Барои тақвияти минбаъдаи равобити дуҷониба сарони давлатҳо пешниҳод карданд, ки фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Беларус оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ҷоннок карда шуда, Гурӯҳи кории муштарак оид ба рушди сармоягузорӣ ба кор шурӯъ намояд.

Тавсеаи ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ҳамчун самти афзалиятноки ҳамкории дуҷониба арзёбӣ гардид. Барои рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ташкили корхонаҳои муштарак дар соҳаҳои маъдани кӯҳӣ, металлургия, сохтмон, саноати сабук ва хӯроквори, дар самти кишоварзӣ ва таъминоти логистика, ки дорои захираҳои калон мебошад, зарур шуморида шуд.

Ҷонибҳо барои зиёд кардани ҳаҷми содироти меваю сабзавот ба бозори Беларус, инчунин таъсиси корхонаҳои муштарак дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ изҳори ҳавасмандӣ карданд.

Татбиқи лоиҳаҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, таҳкими ҳамкорӣ дар самти таъмини бозори Беларус бо нахи пахта ва дигар маҳсулоти коркарди саноатии пахта ва таъсиси корхонаи истеҳсоли қолинҳои Тоҷикистону Беларус аз самтҳои ояндадори робитаҳои дуҷониба номида шуд.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба тавсеаи ҳамкории дуҷониба дар бахшҳои афзалиятноки фарҳангию гуманитарӣ, илму маориф, робитаҳои муассисаҳои олии таълимӣ, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ва баргузории Рӯзҳои фарҳангӣ дар кишварҳои якдигар ҳавасмандӣ иброз доштанд.

Муносибатҳои ҳамкории кишварҳо дар чаҳорчӯбаи ташкилоту созмонҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Таъкид гардид, ки бо дарназардошти тасмим дар бораи оғози тартиби қабули Ҷумҳурии Беларус ба узвияти Созмони ҳамкории Шанхай, ҳамкории кишварҳо дар чаҳорчӯбаи ин созмон мазмуни нав пайдо мекунад.

Вобаста ба таъмини амну субот дар кишварҳои якдигар ва минтақа, якбора афзудани таҳдидҳои терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷинояткорӣ ва дигар шаклҳои ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва авзои сиёсии Афғонистон ҳамкории самарабахши дуҷониба ва бисёрҷониба байни ҳар ду кишвар тақозои замон номида шуд.

**Дар фарҷоми музокирот маросими имзои 10 санади нави дуҷониба, ки соҳаҳои муҳими ҳамкории Тоҷикистону Беларусро дар бар мегиранд, сурат гирифт.**

Дар ҳузури сарони давлатҳо Эмомалӣ Раҳмон ва Александр Лукашенко санадҳои зерини байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расонида шуд:

Нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва гуманитарӣ байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Кумитаи иҷроияи шаҳри Минск барои солҳои 2023-2024. Ба ин санад Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Раиси шаҳри Минск муҳтарам Владимир Кухарёв имзо гузоштанд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН

**12 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Саммити шашуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва Саммити «Осиёи Марказӣ-Россия» ба шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел карданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

Шоми ҳамон рӯз Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар Фурудгоҳи байналмилалии «Нурсултон Назарбоев» намояндагони воломақоми Ҷумҳурии Қазоқистон гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

**Гузориши муфассал аз ҷараёни сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон дар шумораи оянда нашр мешавад.**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2022»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» аз 30 ноябри соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2021, №11, мод. 630; с. 2022, №1, 2-3, мод. 3) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар қисми муқаддимавӣ рақами «33002852» ба рақами «32638048» иваз карда шавад;
- дар банди 1) рақамҳои «22592000» ва «665000» мувофиқан ба рақамҳои «23215500» ва «1288500» иваз карда шаванд;
- дар банди 2) рақамҳои «7938632», «3241800» ва «4696832» мувофиқан ба рақамҳои «6950328», «2352082» ва «4598246» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 2:

- дар қисми муқаддимавӣ рақами «33626756» ба рақами «34261952» иваз карда шавад;
- дар банди 3) рақами «6304025» ба рақами «6223115» иваз карда шавад;
- дар банди 4) рақами «2881390» ба рақами «2782804» иваз карда шавад;
- дар банди 7) рақами «1502178» ба рақами «1488055» иваз карда шавад;
- дар банди 8) рақами «6022411» ба рақами «6357411» иваз карда шавад;
- дар банди 9) рақами «1030551» ба рақами «1004002» иваз карда шавад;
- дар банди 11) рақами «2660636» ба рақами «2557500» иваз карда шавад;
- дар банди 13) рақами «3646467» ба рақами «4269967» иваз карда шавад.

3. Дар моддаи 3:

- дар қисми 1 рақамҳои «0,6» ва «623904» мувофиқан ба рақамҳои «1,4» ва «1623904» иваз карда шаванд;
- дар банди 7) қисми 2 аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;
- ба қисми 2 банди 8) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«8) аз ҳисоби ҷалби қарзи дохилӣ - 1000000 ҳазор сомонӣ.».

4. Дар моддаи 4 рақамҳои «12964140», «13571868» ва «607728» мувофиқан ба рақамҳои «13587640», «15195368» ва «1607728» иваз карда шаванд.

5. Дар моддаи 5:

- дар қисми муқаддимавӣ рақами «12964140» ба рақами «13587640» иваз карда шавад;
- дар банди 8) рақами «665000» ба рақами «1288500» иваз карда шавад.

6. Дар моддаи 6:

- дар банди 8) рақами «2692556» ба рақами «3692556» иваз карда шавад;
- дар банди 13) рақамҳои «4738849» ва «2138462» мувофиқан ба рақамҳои «5362349» ва «2761962» иваз карда шаванд.

7. Дар моддаи 8:

- дар қисми муқаддимавӣ рақами «13571868» ба рақами «15195368» иваз карда шавад;
- дар банди 3) рақамҳои «2730014» ва «2400864» мувофиқан ба рақамҳои «3353514» ва «3024364» иваз карда шаванд;
- дар банди 9) рақамҳои «3659500» ва «3438924» мувофиқан ба рақамҳои «4659500» ва «4438924» иваз карда шаванд.

10. Дар сатрҳои рамзҳои 09 ва RSE051 замимаи 2 рақамҳои «2692556» ва «2674315» мувофиқан ба рақамҳои «3692556» ва «3674315» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 10 октябри соли 2022, № 1915**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# ҚОНУН «ДАР БОРАИ САВДОИ ЭЛЕКТРОНӢ» ҚАБУЛ ШУД

## Он муносибатҳои ҷамъиятиро дар савдои электронӣ танзим ва бехатариро дар ин самт таъмин менамояд

**Дувоздаҳуми октябри соли 2022 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ҷаласаи Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИСИКУНАНДА: - Муҳтарам вакилон!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 54 вакил ҳузур доранд.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласа Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Мирзозода, директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидзода, директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Изатулло Саидзода, муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Солеҳзода, муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Талбакзода, сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барно Саидвализода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 11 масъала пешниҳод шудааст.

Доир ба он пешниҳоди дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳиш мекунам мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ»**

**6. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**10. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**11. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ».**

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Аҳмадзода, Д. Раҳмон, Ф. Раҳимӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Азимзода ва Ф. Икромӣ пешниҳод гардидааст.



Мақсади асосии таҳияи лоиҳаи қонуни зикргардида бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта ва мутобиқ гардонидани қонуни конститутсионии амалкунанда ба талаботи дигар қонунҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад.

(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 3 октябри соли 2022, № 856**

# ИЗҲОРОТИ МАТБУОТИИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН АЗ РӮИ НАТИҶАҲОИ МУЛОҚОТУ МУЗОКИРОТ БО ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ БЕЛАРУС АЛЕКСАНДР ЛУКАШЕНКО

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма,**
**Хонумон ва ҷанобон!**

Пеш аз ҳама, мехоҳам бори дигар Президенти Ҷумҳурии Беларус муҳтарам Александр Григорйевич Лукашенко ва ҳамаи меҳмонони беларусиро ба Тоҷикистон хайрамақдам гӯям, хуш омадед.



Рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии стратегии Тоҷикистон ва Беларус яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Музокироти имрӯза аз рӯи анъана дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва эътимод гузаштанд.

Онҳо давоми мантиқии кӯшишҳои якҷояи мо доир ба рушди минбаъдаи робитаҳои думони тоҷику беларус мебошад. Зимни музокирот мо ба мушкилоти амнияти минтақавӣ диққати махсус додем.

Мо афзоиши якбораи таҳдидҳои амниятӣ, аз ҷумла терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, киберҷинояткорӣ ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллиро зикр кардем.

Дар ин замина мо дар бораи вазъияте, ки дар Афғонистон, дар сарҳадҳои ҷанубии ИДМ ва СААД ба вуҷуд омадааст, табодули афкор намудем. Барои идомаи ҳамоҳангии зич миёни идораҳои соҳавӣ ва хадамоти махсуси ҳар ду кишвар дар шаклҳои гуногун изҳори назар кардем.

Зимни баррасии масъалаҳои мубрами дорои хусусияти байнидавлатӣ дар тамоми самтҳо гардиданд. Боварӣ дорам, ки натиҷаҳои онҳо ба густариши ҳамкории ҳар ду кишвари дӯст такони иловагӣ мебахшанд.

Зимни музокирот ман ва Александр Григорйевич рушди босуръати ҳамкории дуҷонибаро дар сатҳи сиёсӣ, тиҷорату иқтисод, фарҳангу гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо зикр намудем. Мо аҳд кардем, ки барои бо мазмуни нави амалӣ пурра намудани муносибатҳоямон тадбирҳои иловагӣ андешем.

Дар ин замина бастаи боэътибори ҳуҷҷатҳои дуҷониба, ки имрӯз қабул гардид, асоси ҳуқуқии муносибатҳои моро ба таври назаррас таҳким мебахшад. Миёни онҳо мехоҳам «Харитаи роҳ»-и ҳамкории дуҷониба барои солҳои 2022-2026-ро бавижа таъкид намоям.

Мо натиҷаҳои ҷаласаи навбатии Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодиро, ки моҳи июни соли равон дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, зикр намудем.

Мо дар чаҳорчӯбаи сафари имрӯза аз баргузории Форуми соҳибкорони Тоҷикистон ва Беларус ва намоишгоҳи маҳсулоти Беларус истиқбол намудем. Тамоюли афзоиши гардиши молро, ки ҳаҷми он дар ҳашт моҳи соли равон нисбат ба нишондиҳандаҳои соли гузашта беш аз якуним баробар афзунтар аст, таъкид кардем.

Бахши кишоварзӣ, соҳаҳои ҳамкории истеҳсолии саноатӣ ва ҳамкории байниминтақавӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки ҳамкории иқтисодии дуҷониба муайян шуданд.

Дар заминаи татбиқи «Барномаи рушди босуръати саноати Тоҷикистон» мо ҳавасмандии худро ба рушди ҳамкорӣ бо ҷониби Беларус дар бахшҳои саноати сабук, хӯроквcovorӣ, дорусозӣ, кимиё ва истихроҷи маъдан зикр намудем.

Мо ҳамкории худро дар соҳаи гуманитарӣ, бавижа дар соҳаи маориф, илм ва технологияҳои нав баррасӣ кардем. Барои идомаи анъанаи неки тақсими квотаҳои таълимӣ дар асоси мутақобила дастурҳои зарурӣ додем.

Дар маркази диққат масоили густариши робитаҳои мустақим миёни мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмии ҳар ду давлат қарор гирифтанд.

Доир ба идомаи амали мунтазами баргузории Рӯзҳои фарҳанг ва дигар барномаҳои муштараки дорои хусусияти фарҳангию башардӯстона тавофуқ ҳосил шуд.

Таъкид менамоям, ки рушди муколама миёни фарҳангҳо шарти муҳими ҳифз ва афзун гардондани анъанаҳои дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни минтақавӣ ва байналмилалӣ ҷонибдории худро барои ҳамкории минбаъдаи фаъол дар доираи СММ, ИДМ, СҲШ, СААД ва дигар сохторҳои байналмилалӣ баён намудем.

Тоҷикистон имсол ба қабули қарори Шӯрои сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай дар бораи оғози расмиёти пазируфтани Беларус ба узвияти СҲШ мусоидат намуд.

Ҷониби Тоҷикистон ба натиҷаҳои сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Беларус, ки дар шарикии стратегии Тоҷикистон ва Беларус саҳифаи нав боз карданд, баҳои баланд медиҳад.

# САФАРИ РАСМИИ АЛЕКСАНДР ЛУКАШЕНКО БА ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 1)

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Беларус оид ба низоми мусоидати савдои мутақобила;

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Беларус оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон;

Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Беларус дар самти мубориза бо коррупсия;

Созишнома байни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати варзиш ва сайёҳии Ҷумҳурии Беларус оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

Барномаи «Харитаи роҳ» доир ба ҳамкории дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус барои солҳои 2022-2026;

Низомномаи Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Беларус оид ба ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ;

Созишнома оид ба ҳамкории илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Беларус вобаста ба тайёр кардани кадрҳо дар соҳаҳои вирусология, микробиология, биологияи молекулавӣ, эпидемиология, биотехнология ва фармакология;

Созишномаи тафоҳум байни Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази миллии маркетинг ва арзишгузории Ҷумҳурии Беларус;

Шартномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни ноҳияи Спитамени вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияи Могилёви вилояти Могилёви Ҷумҳурии Беларус.

Пас аз анҷоми маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Александр Лукашенко аз рӯи натиҷаи мулоқоту музокироти сатҳи олӣ барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ оростанд.

**Шоми 11 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ташрифи расмии Президенти Ҷумҳурии Беларус муҳтарам Александр Лукашенко дар Бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёфати ғайрирасмӣ оростанд, ки бо фазои гарму самимиаш ба як маҳфили «Шоми дӯстӣ» табдил ёфт.**

Барои баргузории «Шоми дӯстӣ» яке аз мавзеъҳои хушбоду ҳавои бӯстонсаро интихоб гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якҷо бо меҳмони олимақоми Тоҷикистон - Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко дар Бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сайругашти шомгоҳӣ баромада, аз намоишгоҳи неъматҳои табиии диёри биҳиштосои мо боздид карданд.

Намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ ва таомҳои миллии Тоҷикистон дар мавзеи зебою назаррабои Бӯстонсарои ҳукуматӣ ташкил карда шуда, дар роҳравҳои алоҳидаи он ҳар як намуд маҳсулоти кишоварзӣ бо шаклу услуби хос ва ороиши гуногун гузошта шуд.

Дар намоишгоҳ даҳҳо навъи меваҳои тару тозаи Тоҷикистон, навъҳои гуногуни полезиҳо, меваҳои аз лиҳозу таъму сифат беҳамто, ба мисли ангуру меваҳои донадор, хушкмеваҳои босифат, аз қабили мағзу бодом, мавизу писта ва меваҳои ситрусӣ ба маърaз гузошта шуда, меҳмони олиқадр ба ҳар як маҳсулот ва анвои таомҳои миллии мо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, таъмашонро озмуданд ва ба сифату мазаи ҳар як маҳсулот баҳои баланд доданд.

Дар бӯстонсарои шаҳрӣ Сарвари кишвари дӯсти Беларус, ҳамчунин, ба дарахтони мевадиҳанда ва сояафкану ороишии боғчаи ҳудуди қароргоҳ, ки аксараш аз ҷониби худи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз хориҷи мамлакат ворид ва шинонда шудааст, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд.

**12 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Александр Лукашенко дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Беларус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзеъҳои зебову нотакрори кишвари биҳиштосоямонро дар ноҳияи Варзоб тамошо карданд.**

Сарони давлатҳо аз мавзеи Такоби ноҳияи Варзоб боздид намуданд. Сайругашти меҳмони олимақом дар фазои басо гарму самимӣ ва дӯстию бародарӣ ҷараён гирифт.

Эмомалӣ Раҳмон ва Александр Лукашенко дар мавзеъҳои зебои ноҳияи Варзоб гаштугузор ва суҳбати озоди дӯстона намуда, аз табиати сабзу ҳавои тозаи Тоҷикистони офтобӣ ҳаловат бурданд.

---

**www.president.tj**

# ТОҶИКИСТОН ВА БЕЛАРУС БА ҲАМКОРИИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ ТАҚВИЯТ МЕБАХШАНД



**Дувоздаҳуми октябри соли 2022 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко, ки бо сафари расмӣ дар Душанбе қарор дорад, мулоқот намуда, масъалаи тақвият бахшидани муносибатҳои байнипарлумониро мавриди баррасӣ қарор доданд.**

Маҳмадтоир Зокирзода таъкид кард, ки Тоҷикистон Беларусро дӯсти боэътимод ва шарики стратегию ҳамақидаи худ медонад ва ёдовар шуд, ки ҳуҷҷатҳои бунёдии муайянкунандаи ин муносибатҳо Шартномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни ҳар ду давлат аз 5 апрели соли 2000 ва Шартнома дар бораи шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус аз 27 июни соли 2019 мебошанд.

Ҳамчунин, зикр гардид, ки миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус зиёда аз 100 шартномаву созишнома ба имзо расидаанд, ки ба рушди муваффақона ва амиқтар шудани ҳамкории мутақобилан судманд имкон медиҳанд.





**11 октябри соли равон муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ бо роҳбари дафтари Созмони ҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон Виктор Олшавский мулоқот намуд. Зимни он масоили ҳамкории Тоҷикистон бо созмони мазкур, хусусан дар давраи пандемияи коронавирус, баррасӣ гардид.**

# МУЛОҚОТИ ДИЛРАБО МАНСУРӢ БО ВИКТОР ОЛШАВСКИЙ

Дилрабо Мансурӣ гуфт, ки саъю кӯшиши созмонҳо, бахусус Созмони ҷаҳонии тандурустиро барои расонидани кумаки фаврӣ ва дарозмуддат дар мубориза бо оқибатҳои пандемияи COVID-19 қадр мекунем.

- Тоҷикистон аз соли 1992 узви Созмони ҷаҳонии тандурустӣ буда, мо ба роҳбари дафтари созмон дар Тоҷикистон барои саҳмашон дар рушди ҳамкории дуҷониба, аз ҷумла дар таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои миллӣ, изҳори сипос менамоем, - гуфт дар фарҷом Дилрабо Мансурӣ ва таъкид кард, ки қонунгузории Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ буда, бо санадҳои соҳавӣ оид ба ҳифзи саломатии модару кӯдак, дастгирии иҷтимоии оила ҷавобгӯ мебошанд.

---

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚОНУН «ДАР БОРАИ САВДОИ ЭЛЕКТРОНӢ» ҚАБУЛ ШУД

## Он муносибатҳои ҷамъиятиро дар савдои электронӣ танзим ва бехатариро дар ин самт таъмин менамояд

(Идома аз саҳ. 1)

Тибқи қисмҳои 1-5 лоиҳа, ба моддаҳои 5, 7, 9, 23 ва 24 ворид кардани тағйиру илова пешбинӣ гардида, мутобиқи қисми 6 лоиҳаи қонун ваколати прокуророн ҷиҳати эътироз овардан ба ҳукм, фармон, ҳалнома, таъинот ва қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, васеъ карда шудааст.

Чунончи, сархатҳои дуюм ва сеюми қисми якуми моддаи 39 дар таҳрири зерин ифода ёфтааст:

«- ба муовини якум ва муовинони прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон - нисбати ҳукм, фармон, ҳалнома, таъинот ва қарори ҳамаи судҳо, ба истиснои қарорҳои Пленум ва раёсатҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо нисбати ҳукм, фармон, ҳалнома, таъинот ва қарори судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин, судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ба истиснои қарорҳои раёсатҳои суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе.».

Ҳамчунин, дигар тағйиру иловаҳое, ки хусусияти таҳрирӣ доранд, пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2022 таҳти №1021 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, барои баррасӣ ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷонибдорӣ ва дар маҷмӯъ, 9 пешниҳод манзур намуданд, ки баҳри такмили лоиҳа истифода гардиданд.

Лоиҳаи қонун ба боби 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони арҷманд эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА**: - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Мирзозода дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам МИРЗОЗОДА:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Мувофиқи он, 18 моддаи Кодекси мурофиавии гражданӣ таҳрир гардида, ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» мувофиқ карда шуд.

Инчунин, дар лоиҳа меъёри нав, моддаи 158[1] илова карда шудааст, ки он ҳуқуқи шахсони иштирокчии парванда, намояндагони онҳо, шоҳидон, коршиносон, мутахассисон ва тарҷумонҳоро низ бобати иштирок дар маҷлиси судӣ тариқи реҷаи мустақим (онлайн) танзим менамояд.

Мувофиқи ҷумлаи дуюми қисми 2 моддаи зикршуда барои таъмини иштироки шахсоне, ки дар тавқифгоҳи нигаҳдории муваққатӣ, тавқифгоҳи тафтишотӣ ва (ё) муассисаҳои тарбиявию ислоҳӣ қарор доранд, дар мурофиаи судӣ мумкин аст аз алоқаи видеоии ин муассиса истифода шавад.

Тағйиру иловаҳои воридгардида, ба ҳар шахси манфиатдор барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи худ дар судҳои умумӣ ва гузаронидани мурофиаҳои судӣ ба тариқи реҷаи мустақим (онлайн) имконият фароҳам меорад.

Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, қабули он ба ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тариқи суди электронӣ мусоидат менамояд.

Аз шумо, вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», таъмини гардиши ҳуҷҷатгузории электронӣ барои хизматрасониҳои «давлат ба соҳибкорон» ҷиҳати таъмини автоматикунонии кори судҳо пешбинӣ шуда, шахсони иштирокчии парванда ва дигар шахсони манфиатдор имконият пайдо мекунанд, ки тариқи электронӣ муроҷиат намуда, санадҳои судии доир ба парвандаҳои онҳо қабулшавандаро тариқи электронӣ дастрас намоянд.

Лоиҳаи қонун бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кумитаҳо ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса супорида шуд.

Кумитаи масъул бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, баъзе аз қисмҳои онро такмил доданд.

Дар умум, аз 25 таклифу дархостҳои пешниҳодшуда 17 таклиф қабул ва 8 таклиф қабул нашуд, ки ҳамаи ин барои фаҳмо ва сода гардонидани меъёрҳои лоиҳаи қонуни мазкур ва ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мутобиқ намудани он равона гардидааст.

Инчунин, дар рафти баррасии лоиҳаи қонуни мазкур, ҳама таклифҳо ва пешниҳодҳои муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода баҳри такмили лоиҳа пурра қабул карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба талаботи моддаҳои 1, 10, 14, 17, 30 ва боби 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони арҷманд эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ҚОНУН «ДАР БОРАИ САВДОИ ЭЛЕКТРОНӢ» ҚАБУЛ ШУД

## Он муносибатҳои ҷамъиятиро дар савдои электронӣ танзим ва бехатариро дар ин самт таъмин менамояд

(Идома аз саҳ. 1 - 2)

**РАИСИКУНАНДА:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Марҳамат.

**Саидҷаъфар УСМОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд ба шумор меравад. Аз ин рӯ, бояд ҳангоми таҳияи қонунҳо ҳама ҷанбаи ҳуқуқиро ба назар гирифта, барои ифода кардани давлат ва фаъолияти мақомоти қудратӣ, аз лиҳози ҳуқуқӣ шароити беҳтар фароҳам оварда шавад.

Ин таклифу пешниҳодҳое, ки ба қонунҳо ворид мешаванд, барои рушди ҷомеаи демократӣ ва риояи ҳифзи ҳуқуқи сокинони мамлакат пешбинӣ шудаанд.

Аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни зикршударо ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Мирзозода дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам МИРЗОЗОДА:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади иҷрои банди 9.2.-и нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки ҷаҳонӣ барои солҳои 2019-2022, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2019 таҳти №223 тасдиқ шудааст ва мутобиқ намудани муқаррароти кодекси мазкур ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» бо омӯзиши амалияи судии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла минтақаи Аврупо, таҳия гардида, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Тибқи лоиҳаи манзургардида, ба шахсони воқеӣ ва намояндагони шахсони ҳуқуқӣ имконият фароҳам оварда мешавад, ки онҳо барои ҳимояи ҳуқуқи вайронкардашуда ё мавриди баҳс қарорёфта ва манфиатҳои қонуниашон ба Суди иқтисодӣ бо аризаҳои даъвоӣ, дархостҳо, шикоятҳои кассатсиониву назоратӣ, изҳори назар ба аризаи даъвоӣ ва шикоятҳо, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, тариқи электронӣ муроҷиат намоянд.

Ҳамчунин, гардиши ҳуҷҷатҳо дар ҳама марҳилаи судӣ ва ирсоли нусхаҳои санадҳои судии қабулгардида ба шахсони иштирокчии парванда тариқи электронӣ роҳандозӣ гардида, барои гузаронидани мурофиаҳои судӣ ба тариқи реҷаи мустақим (онлайн) имконият фароҳам оварда мешавад, ки он барои боз ҳам беҳтар кардани таъмини кафолати ҳифзи судӣ, пешгирии кашолёбии омодасозӣ ва баррасии парвандаҳо, сарфакории вақт, сари вақт огоҳ ёфтани иштирокчиёни маҷлиси судӣ ва дигар шахсони манфиатдор аз вақт ва маҳалли баргузории маҷлиси судӣ, инчунин натиҷаи ҳалли баҳс мусоидат менамояд.

Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, қабули он ба ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тариқи суди электронӣ мусоидат менамояд.

Аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Раънохон Бобоҷониён дода мешавад. Марҳамат.

**Раънохон БОБОҶОНИЁН:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади шаффофу ошкоро баргузор намудани мурофиаҳои судӣ, кафолати муҳокимаи одилонаи судӣ, ҷоннок кардани фаъолияти сомонаҳои судӣ, қабули санадҳои қонуниву асоснок, сари вақт баррасӣ шудани парвандаҳо ва гузаронидани амалҳои мурофиавии судӣ тариқи электронӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тибқи лоиҳа, ба 24 моддаи Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардида, моддаҳои 122, 123 ва 184 дар таҳрири нав ва моддаи 152[1] илова карда шудааст, ки тибқи он гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ барои хизматрасониҳои «давлат ва соҳибкорон» ҷиҳати таъмини автоматикунонии кори судҳо пешбинӣ шуда, тарафҳо имконият пайдо менамоянд, ки тариқи электронӣ муроҷиат намуда, санадҳои судиро низ тариқи почтаи электронӣ дастрас намоянд ва тариқи онлайнӣ аз баргузории мурофиаҳои судӣ бархӯрдор шаванд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигар ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд ва ҷиҳати такмили он дар маҷмӯъ, 21 пешниҳод манзур кардаанд, ки аз онҳо 14-то қабул, 1-то қисман қабул ва 6-тои дигар қобили қабул дониста нашуданд.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» шурӯъ менамоем. Сухан ба муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Солеҳзода дода мешавад. Марҳамат.

**Умед СОЛЕҲЗОДА:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» мутобиқи Протоколи ҷаласаи XXI Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ аз 25 феврали соли 2021, №1к/22-1 аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нав дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод гардидааст.

Он дар ҷаласаҳои гурӯҳи кории байниидоравӣ баррасӣ гардида, пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдор пурра ба назар гирифта шуданд.

Лоиҳаи қонуни зикршуда принсипҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ, ваколати мақоми ваколатдор дар соҳаи илм, мақомоти соҳавӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, субъектҳо ва воситаҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ, тадбирҳои давлатии ҳавасмандгардонӣ, шаклҳои дастгирии давлатӣ, пешниҳоди грантҳо барои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ, ҳуқуқҳои субъектҳо, муаллифон, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ташкилотҳои илмӣ, инчунин, натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ ва мониторинги тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти мазкурро муайян менамояд.



Масъалаҳои муҳими тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникии номбаргардида, то ба ҳол ба воситаи қонунҳои амалкунандаи соҳаи илм, фаъолияти инноватсионӣ ва паркҳои технологӣ ба танзим оварда нашудаанд.

Аввалин маротиба дар лоиҳаи қонуни таҳиягардида масъалаҳои асосии пайвасти илм ба истеҳсолот ва ҳалли масъалаҳои мавҷуда, дар асоси таҷрибаи кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон ба назар гирифта шудааст.

Қабул ва амалӣ гардидани лоиҳаи қонуни мазкур барои пайвасти илм бо истеҳсолот, рушди илм, ба даст овардани самараи иқтисодӣ ва гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ мусоидат карда, аз буҷети ҷумҳурӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фозил ОБИДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Он бо мақсади ба танзим даровардани раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ ва ба ин васила ба бозор баровардани молҳои нав ё такмилдодашуда таҳия гардидааст. Лоиҳаи қонун аз 7 боб ва 19 модда иборат мебошад.

Бо мақсади фарогир ва дар доираи муқаррароти лоиҳаи қонун муайян гардидани сиёсати давлатӣ дар самти тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ ба моддаи 4 лоиҳаи қонун банди 7) бо мазмуни зерин илова карда шуд:

7) рақобатпазирии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ дар бозор.

Ба моддаи 10 лоиҳаи қонун, ки субъектҳои самти тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникиро муайян мекунад, банди 2) бо мазмуни зерин илова карда шуд:

2) муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Инчунин, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 14-и лоиҳа бо мақсади дуруст ва пурра танзим гардидани муносибатҳо вобаста ба ҳуқуқҳои субъектҳои самти тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ бо ҳам ҷой иваз карданд.

Матни лоиҳаи қонун, бо назардошти таклифҳои қабулгардида ва бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мувофиқа гардида, аз лиҳози услуби баён ва таҳрири забониву ҳуқуқӣ такмил дода шуд.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон ҷонибдорӣ ва ҳамзамон 118 таклифу дархост пешниҳод намуданд, ки аз онҳо 26-тоаш қабул, 36-тоаш қисман қабул ва 56-тоаш қабул нашуд. Таклифҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Лоиҳаи мазкур қонуни мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала сухан ба директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Изатулло Саидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Изатулло САИДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои банди 2 нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018 таҳти №227 тасдиқ гардидааст, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ»-ро таҳия намуд.



Он аз муқаддима, 7 боб ва 23 модда иборат буда, муносибатҳои ҷамъиятии зеринро дар самти савдои электронӣ танзим менамояд:

- идоракунии давлатӣ дар самти савдои электронӣ;

- тартиби барасмиятдарории аҳд дар савдои электронӣ;

- шахсоне, ки савдои электрониро ба амал мебароранд;

- ташкили мубодилаи ҳуҷҷати электронӣ ҳангоми барасмиятдарорӣ ва анҷом додани аҳдҳои электронӣ;

- таъмини бехатарӣ дар савдои электронӣ.

Мақсади асосии лоиҳаи қонуни мазкур ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни савдои электронӣ мебошад.

Иштирокчиёни савдои электронӣ мувофиқи моддаи 5 лоиҳа инҳо мебошанд:

1) фурӯшандагони мол, кор ва хизматрасониҳо;

2) харидорони мол, кор ва хизматрасониҳо;

3) миёнаравони иттилоотӣ ва дигар миёнаравон.

Вазифаи қонун, пеш аз ҳама, таъмини ҳуқуқии фаъолияти савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Амали қонун оид ба хариду фурӯши мол, кор ва хизматрасониҳо, ки бо истифода аз шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва расмиёти электронӣ ба амал бароварда мешаванд, татбиқ мегардад, ба истиснои аҳдҳои зерин:

- аҳдҳое, ки тасдиқи ҳатмии нотариалӣ ё бақайдгирии давлатиро талаб менамоянд;

- аҳдҳое, ки дар бозори суғурта ва коғазҳои қиматнок баста мешаванд;

- объектҳое, ки аз муомилоти гражданӣ бароварда ё маҳдуд шудаанд.

Истифодаи механизмҳои савдои электронӣ афзалиятҳои зерин дорад:

- фаврият дар дастрасӣ ва қабули иттилоот;

- хароҷоти ночиз вобаста ба мубодилаи иттилоот;

- мол, кор ва хизматрасониҳо оммавӣ мешаванд, ки ин ба манфиати харидорон аст;

- иттилооти харидорон дар бораи мол, кор ва хизматрасониҳо зиёд мегардад;

- имконияти интихоби хариди мол, кор ва хизматрасониҳо бештар мегардад;

- ҳаҷми муомилоти мол, кор ва хизматрасониҳо аз ҳисоби зиёд шудани савдои электронӣ ва миёнаравони иттилоотӣ меафзояд;

- нишондиҳандаҳои фарогирии нуқтаҳои аҳолинишин бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, инчунин ҳиссаи одамоне, ки аз кортҳои бонкӣ истифода мебаранд, афзоиш меёбад;

- шароит барои рақобати самараноки субъектҳои соҳибкорӣ дар бозорҳои дохилӣ бо усулҳои инноватсионии тиҷорат вусъат меёбад;

- имкониятҳои нав барои истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ - хариди электронӣ фароҳам меояд;

- монеаҳои нолозими маъмурӣ бартараф ва ҷойҳои нави корӣ таъсис меёбад.

Афзалиятҳои савдои электронӣ барои истеъмолкунандагон инҳоянд:

- фаъолнокии шабонарӯзӣ;

- дастрасии баробари ҷуғрофӣ;

- имконияти баҳодиҳии ширкати истеҳсолкунанда;

- имконияти баҳодиҳии маҳсулот;

- имконияти баҳодиҳии маркази савдо;

- имконияти сарфа кардани вақти худ;

- мустақилият дар мавриди хариди маҳсулот;

- махфияти харидҳо.

Бо назардошти муҳимияташ аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА**: - Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

**Азиз ГИЁЗОДА:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дар доираи лоиҳаи қонун муносибатҳои идоракунии давлатӣ дар савдои электронӣ ба танзим даровarда шуда, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, тартиби барасмиятдарории аҳд дар савдои электронӣ, ташкили мубодилаи паёми электронӣ ҳангоми барасмиятдарорӣ ва анҷом додани аҳди электронӣ, таъмини бехатарӣ дар савдои электронӣ ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи қонуни мазкур муайян карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон ҷонибдорӣ ва ҳамзамон 219 таклифу дархостҳо пешниҳод намуданд, ки аз онҳо 35-тоаш қабул, 31-тоаш қисман қабул ва 153-тоаш қабул нашуд. Таклифҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Матни лоиҳаи қонун, бо назардошти таклифҳои қабулгардида ва бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мувофиқа гардида, аз лиҳози услуби баён ва таҳрири забониву ҳуқуқӣ такмил дода шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Лоиҳаи мазкур қонуни мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Талбакзода дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод ТАЛБАКЗОДА:**



**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2021 дар бораи пурзӯр кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ ва муомилоти ғайриқонунии бабри барфӣ, аз ҷониби Прокуратураи генералӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид.

Масъалаи пешгирии шикори ғайриқонунии ҳайвоноти нодир, аз ҷумла бабри барфӣ ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор дода шуда, маълум карда шуд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ин масъала ҳарчанд ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардида бошад ҳам, ҷазои пешбинигардида барои ин ҷиноят баҳри пешгирии он ва ба ҷавобгарии сазовор кашидани гунаҳкорон мусоидат намекунад.

Кодекси ҷиноятӣ барои чунин кирдор ҷазоро дар намуди ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол муқаррар намудааст.

Дар сурати идома ёфтани шикор ё нобуд кардани захираҳои бабри барфӣ, ин ҳолат бешубҳа боиси зуд ва хеле кам шудани саршумори он дар муҳити табиӣ гардида, минбаъд рафти барқароркунии онҳо душвор ва боиси аз байн рафтани ин навъи ҳайвонот мегардад, ки дар маҷмӯъ ба низоми мавҷудаи экологӣ зарари ислоҳнашаванда мерасонад.

Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад шуморида шуд, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи нав ворид карда шавад:

Моддаи 232[1]. Шикор ва қасдан нобуд кардани бабри барфӣ

1) Шикор ё қасдан нобуд кардани бабри барфӣ, - бо ҷарима ба андозаи аз ҳаштсад то як ҳазору дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир гардида бошад;

в) дар ҳудуди мамнӯъгоҳ, парваришгоҳ ё дар минтақаи офати экологӣ ё минтақаи вазъияти фавқулодаи экологӣ содир шуда бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз якуним то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Ворид намудани чунин меъёр ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои пешгирии нобудшавӣ ва аз байн нарафтани ин ҷонвари нодир, ки ба рӯйхати сурхи Иттифоқи байналмилалии ҳифзи табиат ва замимаи 1 Конвенсия «Дар бораи савдои байналхалқии намудҳои флора ва фаунаи ёбоӣ, ки дар зери таҳдиди маҳвшавӣ қарор доранд» дохил гардидааст, мусоидат намояд.

Шикори ин ҳайвони нодир дар Тоҷикистон ҳанӯз 50 сол пеш манъ шудааст. Пӯсти ин ҷонвар пурқимат буда, шикори бабри барфӣ маҳз ба ҳамин вобастагӣ дорад.

Аз диди мутахассисони мақомоти ҳифзи табиати ҷумҳурӣ, аз рӯи натиҷаи ҳисоботи дусола айни ҳол дар ҳудуди Помири шарқӣ 37 ҷуфт бабри барфӣ (Ирбис) зиндагӣ мекунад.

Аз ин рӯ, барои ҳимоя, зиёдшавии саршумори бабри барфӣ, таъмини ҳамгироии набототу ҳайвонот, гуногунии биологии бой ва рангини Тоҷикистон, пешгирии шикору муомилоти ғайриқонунии анвои алоҳидаи ҳайвоноти гурӯҳи ширхӯрон, ки ба «Китоби сурх» ворид шудаанд ё бо шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз шудаанд, зарурати такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ба миён омадааст.

Қабули қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Зафар Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зафар АЛИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Мақсад аз таҳияи он дар қонунгузории ҷиноятӣ пурзӯр кардани ҷавобгарӣ барои шикори ғайриқонунии бабри барфӣ, ки ба «Китоби сурх»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудааст ва таҳти хатари нестшавӣ қарор дорад, мебошад.

Тибқи лоиҳаи қонуни зикргардида, ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон илова гардидани моддаи 232[1] (Шикор ва қасдан нобуд кардани бабри барфӣ) пешбинӣ гардидааст.



Он тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон расмиётро гузашта, аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҷонибдорӣ ёфт. Дар маҷмӯъ, 8 пешниҳод манзур гардида, 6 - тои он баҳри такмили лоиҳа истифода шуд.

Кумитаи масъул 23 сентябри соли 2022 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи васеъ лоиҳаро мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони муҳтарам хоҳиш карда мешавад, ки онро дастгирӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

***(Идома дорад)***

**Маҳмудҷон УСМОНОВ,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

ОБУНА - 2023

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 180 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 28 октябри соли 2022 музоядаҳои № 29, № 30 № 31 ва № 32 – ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида ва музоядаи №7-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёт барпо менамояд

**Музоядаи № 29**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Шампун | 60 адад | 1200 сомонӣ |
| 2 | Мошинаи сартарошӣ (истифодашуда) | 1 адад | 100 сомонӣ |
| 3 | Чойники электрикӣ (истифодашуда) | 1 адад | 60 сомонӣ |
| 4 | Таҷҳизот барои массаж (истифодашуда) | 1 адад | 50 сомонӣ |
| 5 | Телевизори ранга (истифодашуда) | 1 адад | 500 сомонӣ |
| 6 | Пойафзоли мардона (кроссовки) (истифодашуда) | 4 ҷуфт | 100 сомонӣ |
| 7 | Пойафзоли занона (истифодашуда) | 3 ҷуфт | 75 сомонӣ |
| 8 | Туфлии занона (истифодашуда) | 4 ҷуфт | 100 сомонӣ |
| 9 | Миёнбанди мардона (тасма) (истифодашуда) | 4 адад | 40 сомонӣ |
| 10 | Босоножкаи кӯдакона (истифодашуда) | 3 ҷуфт | 75 сомонӣ |
| 11 | Ҷӯроби занона | 50 ҷуфт | 100 сомонӣ |
| 12 | Шими мардона (истифодашуда) | 2 адад | 50 сомонӣ |
| 13 | Бриджаи кӯдакона (истифодашуда) | 2 адад | 40 сомонӣ |
| 14 | Собуни дастшӯӣ | 12 адад | 24 сомонӣ |
| 15 | Мошинаи ҷомашӯӣ (истифодашуда) | 1 адад | 1300 сомонӣ |
| 16 | Чӯткаи дандоншӯӣ | 10 адад | 50 сомонӣ |
| 17 | Атри занона | 2 адад | 160 сомонӣ |
| 18 | Насос (барои камера) | 2 адад | 250 сомонӣ |
| 19 | Духовка (истифодашуда) | 1 адад | 200 сомонӣ |
| 20 | Нӯшокии спиртии коняк | 3 адад | 450 сомонӣ |
| 21 | Соккунак (истифодашуда) | 1 адад | 150 сомонӣ |
| 22 | Коляска (истифодашуда) | 1 адад | 700 сомонӣ |
| 23 | Дрел | 1 адад | 250 сомонӣ |
| 24 | Болгарка | 1 адад | 200 сомонӣ |
| 25 | Лопзик | 1 адад | 200 сомонӣ |
| 26 | Бампери автомашина | 1 адад | 250 сомонӣ |
| 27 | Шланги оташхомӯшкунии 20 - метра | 3 адад | 300 сомонӣ |
| 28 | Халтаи электронии қувватсанҷӣ (истифодашуда) | 1 адад | 9000 сомонӣ |
| 29 | Камера (дрон) (истифодашуда) | 1 адад | 2500 сомонӣ |

**Музоядаи № 30**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Телефонҳои мобилии Самсунг | корношоям | 3 адад | -- сомонӣ |
| 2 | Сигарети Esse Change (5 қуттӣ) | нав | 50 пачка | 850 сомонӣ |
| 3 | Чархҳои автомашинаи сабукрав | истифодашуда | 80 адад | 28000 сомонӣ |
| 4 | Маҳсулоти лӯбиё | - | 250 кг | 3750 сомонӣ |
| 5 | Мушаки компютер | нав | 100 адад | 8000 сомонӣ |
| 6 | Флешкаи хурд | нав | 10 адад | 500 сомонӣ |
| 7 | Юзби | нав | 10 адад | 500 сомонӣ |
| 8 | Клавиатураи компютер | нав | 60 адад | 10800 сомонӣ |
| 9 | Тухмии маҳсулоти полезӣ (90 кг) | 2018-2019 | 4242 адад | 127260 сомонӣ |

**Музоядаи № 31**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Чойник | 15 | 562,5 сомонӣ |
| 2 | Пиёла | 150 | 900 сомонӣ |
| 3 | Коса | 150 | 1687,5 сомонӣ |
| 4 | Тарелкаи хурд | 60 | 450 сомонӣ |
| 5 | Тарелка | 18 | 202,5 сомонӣ |
| 6 | Тарелкаи калон | 75 | 1406,25 сомонӣ |
| 7 | Тарелкаи андозаи 0,12 | 20 | 375 сомонӣ |
| 8 | Тарелкаи андозаи 0,10 | 30 | 562,5 сомонӣ |
| 9 | Тарелка барои хӯриш | 18 | 270 сомонӣ |
| 10 | Тарелкаи чаккагирӣ | 48 | 720 сомонӣ |
| 11 | Тарелкаи қандгирӣ | 20 | 2250 сомонӣ |
| 12 | Тарелкаи мевагирӣ | 16 | 1920 сомонӣ |
| 13 | Қошуқ ва шохин (58 баста) | 348 | 1044 сомонӣ |
| 14 | Зарфҳои афшурагирӣ | 10 | 825 сомонӣ |
| 15 | Матоъҳои лӯлапечи навъи паплин (228 баста) | 5700 | 59850 сомонӣ |
| 16 | Нӯшокии навъи «Ред-Бул» | 27 | 182,25 сомонӣ |
| 17 | Креми ороишию гигиенӣ (Рапка1ап) | 8 | 1620 сомонӣ |

**Музоядаи № 32**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Таҷҳизот барои ҳисобкунии маблағ | 1 | 1000 сомонӣ |
| 2 | Дискҳои 160 гб | 60 | 3000 сомонӣ |
| 3 | Дисковод | 11 | 550 сомонӣ |
| 4 | Материнкаи АСУС | 10 | 3000 сомонӣ |
| 5 | Футболкаи ширкати ЕСЕ | 100 | 5000 сомонӣ |
| 6 | Жемпирҳои занона | 20 | 800 сомонӣ |
| 7 | Сигарети ЕСЕ ЧЕНЧ | 12 | 1800 сомонӣ |
| 8 | Сигарети ЕСЕ ЧЕНЧ | 5 | 75 сомонӣ |
| 9 | Сухие сливки (шири қоқ) | 100 халта | 85000 сомонӣ |
| 10 | 1 адад соати дастии истифодашуда | 1 | 50 сомонӣ |
| 11 | 1 адад ангуштарини истифодашуда (бижутерия) | 1 | 10 сомонӣ |
| 12 | 3 адад гӯшвори истифодашуда (бижутерия) | 3 | 30 сомонӣ |

**Музоядаи № 7**

**Автомашинаи ВАЗ – 21074, рақами давлатӣ - 252 ZC, соли барориш - 2007, мансуб ба КВД «Экспертиза ва озмоиши маҳсулоти фармасевтӣ ва тиббӣ дар вилояти Суғд». Нархи ибтидоӣ - 5000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музоядаҳо - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

28 октябри соли 2022 музоядаи № 8-ро оид ба фурӯши пораву партовҳои металҳои сиёҳ баргузор менамояд

**1. 10,0 тонна пораву партовҳои металҳои рангаи мис НБО «Сарбанд» ШСХК «Барқи Тоҷик» бо нархи ибтидоии 130000 сомонӣ.**

28 октябри соли 2022 музоядаи № 3-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

**Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт (автозапчасть) ба миқдори 5 халта ё 1420 баста (14335 адад). Нархи ибтидоӣ - 60630 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411654 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22-и шаҳри Ҳисор | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.10.2022 11:40:00 |
| 2 | 411977 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №7»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 31.10.2022 16:00:00 |
| 3 | 411980 | «Гимназияи №1 ба номи Раҳим Ҷалил»-и шаҳри Хуҷанд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 31.10.2022 17:05:05 |
| 4 | 411981 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Корҳои бомпӯшии бинои хобгоҳи №8-и муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.10.2022 17:05:05 |
| 5 | 411982 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Корҳои бомпӯшии бинои хобгоҳи №5-и муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.10.2022 17:05:05 |
| 6 | 411983 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии системаи гармидиҳӣ барои Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.10.2022 17:05:05 |
| 7 | 411984 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Масолеҳи сантехникӣ, аробачаи сохтмонӣ ва насос | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 31.10.2022 17:05:05 |
| 8 | 411990 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Лоиҳакашии сохтмони ХИБ-35 кВ Л-ИС2 «Искра - Совхоз 2» ба самти ЗИ-35/6 кВ «Ганҷ» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 01.11.2022 13:00:00 |
| 9 | 411991 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ниҳоли дарахт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 01.11.2022 14:35:21 |
| 10 | 411992 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ниҳоли дарахт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 01.11.2022 14:41:24 |
| 11 | 411978 | МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ» | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, барқӣ, флеш-хотира, молҳои масрафӣ ва техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 52 | 01.11.2022 15:55:00 |
| 12 | 411986 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Рӯшон | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 01.11.2022 16:00:00 |
| 13 | 411987 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 01.11.2022 16:05:59 |
| 14 | 411979 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, сантехникӣ, молҳои барқӣ, курсиҳои корӣ, принтер, телевизор, кондитсионер, компютери фардӣ, тарозуи электронӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 137 | 01.11.2022 16:35:00 |
| 15 | 411989 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби «Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 43 | 02.11.2022 11:50:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ЭЪЛОН!

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «УСТО АМИР» сармояи оинномавии худро аз 2800 (ду ҳазору ҳаштсад) сомонӣ ба 1000 (ҳазор) сомонӣ кам мекунад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А № 03932115-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 30 ноябри соли 2021 ба Назарова Зебуниссо Ҷамолитдиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 23-и шаҳри Ваҳдат соли 1989 ба Назирова Тағойгул Джаваковна додааст, эътибор надорад.

✓ Парвандаи заминсозии гумшуда, ки онро соли 2020 КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе «Дар бораи вобаста намудани қитъаи замини хонаи истиқоматии шаҳрванд Ҷумабеков Абдусамид», воқеъ дар кӯчаи Шевченко, хонаи 57 «а» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории тахти қайди 8759-и гумшуда, ки онро Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко, ҳавлии 57 «а» соли 2009 ба Джумабеков Абдусамид Ҷумаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулки №6880-и гумшуда, ки онро Комиссия оид ба қонунигардонии молу мулки ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 28 июни соли 2009 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко 57 «а» ба Ҷумабеков Абдусамид Ҷумаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии № 0243865 тахти қайди 29467 аз 14 августи соли 2020-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе барои қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва бинои истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Шевченко 57 «а» ба Ҷумабеков Абдусамид Ҷумаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЭВ №831830-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 18 сентябри соли 1996 ба Мамаюсупова Раъно Назиржоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии силсилаи Д 18329-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2018 ба Ализода Муродалӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2021 ба Қаюмов Ботир Шухратович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД Сино-1 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шерозӣ, бинои 75, квартираи 247 ба Ашуров Хушбахт Ғаниевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Комрони Валиҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ тахти қайди 11232 бо рақами кадастрии 03-009-001768-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Ҳисор 1 октябри соли 2021 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти М. Турсунзода, деҳаи Даҳбед ба Икромова Зарнигор Муродовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0498499-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и шаҳри Душанбе соли 2012 ба Касымов Сунатулло Олегович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ №0021399-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20-и ноҳияи Панҷ соли 2006 ба Кабиров Меъроҷиддин Талбиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии тахти варақаи бақайдгирии №17108-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе 13 марти соли 1985 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи якуми кӯчаи Курган, ҳавлии 36 ба Сафаров Назаралӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматии тахти феҳристи 1Ш-696-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 31 майи соли 2006 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи якуми кӯчаи Курган, ҳавлии 36 ба Сафаров Умедҷон Назаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Лахш соли 2019 ба Зууров Зоиршо Исмоилович, санаи таваллудаш - 17 августи соли 2003 додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи меҳнатии силсилаи ОТ-1 № 0494799-и гумшуда, ки онро фабрикаи «50-солагии СССР» (ҳоло «Гулистон»)-и шаҳри Душанбе 13 октябри соли 1980 барои Каримбердиева (ҳоло Қурбонова) Қаноат Облоназаровна кушодааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи № 0000203, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино тахти рақами қайди 188 санаи 11 июни соли 2019 ба Ҳасанзода Мадинаи Абдукарим додааст, бинобар бар асари сӯхтор сӯхта нобуд шудан, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО №0025697-и гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмумин Раҳимов тахти қайди 12366 соли 2011 ба Махмадназаров Олимджон Назарович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии № 17262-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2017 ба Саидов Муҳаммад Шамсиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни силсилаи НТ №0065855 тахти қайди 4М-130-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода 20 декабри соли 2011 бо суроғаи ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Хонақоҳ (ҳоло Ҷамоати деҳоти Сомон), деҳаи Обшорон ба Зиёева Орифа Исмоиловна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи тасдиққунандаи афсарии силсилаи ЧТ №006402 -и гумшуда, ки онро Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 ба Ҷӯраев Фаридун Раҳимович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши қисми бӯстонсарой, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе тахти қайди 2706 санаи 24 августи соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Чимтеппа (собиқ ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Чимтеппа) ба Исоев Абдусалом Ҷангиевич додааст, бинобар фарсудаю корношоям шуданаш, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии тахти қайди №11160-и гумшуда, ки онро КДФ Байниноҳиявии бақайдгирии техникии шаҳри Душанбе» 4 декабри соли 2009 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Восеъ 16 ба Шарипова Сайбибӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А №01201774-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 9 январи соли 2018 ба Ёров Азизҷон Ҳусейнович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шахсияти силсилаи ЧТ №003784-и гумшуда, ки онро Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 апрели соли 2021 ба Гулов Фирӯз Бекмаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 3 марти соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Пушкин, хонаи 64/11 ба Рустамов Хуршед Кавгакович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ҳамроҳи Аҳмад», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0274497, РЯМ 1210012742, РМА 120043205 буда, онро 24 июли соли 2019 Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

✓ Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 13 октябри соли 2022, соати 15:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33425 нусха*

Навбатдорони шумора
С. Суннатӣ ва Т. Неккадамов

Тарроҳони компютерӣ
Т. Курбонов ва Ф. Таушаров